***УДК 327***
***ББК 66.49***

***ЭЛИТАИ ДИПЛОМАТӢ: МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ОН***

***Давлатов Умедҷон Назирович,*** *ассистенти кафедраи муносибатҳои байналхалқии ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***ДИПЛОМАТИЧЕСКАЯ ЭЛИТА: ПОНЯТИЕ И СУЩНОСТЬ***

***Давлатов Умеджон Назирович,*** *ассистент кафедры международных отношений ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

***DIPLOMATIC ELITE: NOTION AND ESSENCE***

***Davlatov Umedjon Nazirovich,*** *assistant of Internatuonal Relations Chair under TSULBP (Tajikistan, Khujand)*
***E-MAIL:*** *davlatov_umedjon@mail.ru*

***Калидвожаҳо***: *элитаи сиёсӣ, элитаи дипломатӣ, дипломатия, сиёсати хориҷӣ, дипломатия, сиёсати хориҷӣ,меъёрҳо, музокирот, давлат*

*Мафҳум ва моҳияти элитаи дипломатӣ мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор дода шудааст. Элитаи дипломатӣ ҳамчун қисмати муҳимми элитаи сиёсӣ шинохта шуда, ҷиҳатҳои хосаи он мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Нақши элитаи дипломатӣ дар таҳия ва амалӣ намудани сиёсати хориҷӣ муҳим шуморида шудааст.Якчанд дидгоҳҳо оид ба мафҳум ва моҳияти элитаи дипломатӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Таваҷҷуҳи хоса ба меъёрҳои ташаккулёбии элитаи дипломатӣ карда шудааст. Донишмандӣ, меъёри ахлоқӣ, суханварӣ, маҳорати муҳокимаронӣ ва бурдани музокирот, вафодорӣ ба манфиатҳои миллату давлати хеш ва принсипҳои дипломатия ҷиҳатҳое эътироф гардидаанд, ки новобаста аз макон ва замон барои ташаккули элитаи дипломатӣ муҳимманд. Тағйирпазирии меъёрҳо ва талабот ба элитаи дипломатӣ зикр шудааст. Изҳори ақида шудааст, ки вобаста ба замон ва макон сифату маҳорати дипломатӣ низ тағйир мепазирад. Хусусан дар шароити имрӯза доштани дониши муосири технологӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ барои дипломат тавсия мешавад. Ба меъёрҳои муқарраршудаи дохилӣ ва байналхалқӣ ҷавобгӯ будани ташаккули элитаи дипломатӣ зарур маҳсуб гардидааст. Хусусан бохабар будани дипломатҳо аз самтгирии раванди ҷаҳонишавӣ ва ҷараёнҳои нави рушди иқтисодӣ муҳим дониста шудааст. Ташкили дурусти элитаи дипломатӣ кафолати самаранокӣ дар сиёсати хориҷӣ ва дохилии давлат арзёбӣ гардидааст.*

***Ключевые слова:*** *политическая элита, дипломатическая элита, дипломатия, внешняя политика, навыки, критерии, переговоры, государство*

*Рассматриваются понятие и сущность дипломатической элиты. Дипломатическая элита считается частью политической элиты, поэтому рассматриваются её особенные стороны. Роль дипломатической элиты считается важной при формировании и осуществлении внешней политики государства. Анализируются некоторые взгляды на понятие и сущность дипломатической элиты. Особое значение придается критериям формирования дипломатической элиты. Важными сторонами в формировании дипломатической элиты считаются: знатное происхождение, высокие моральные критерии, красноречие, навыки по организации дискуссий и переговоров, преданность интересам нации и государства, а также принципам дипломатии, вне зависимости от места и времени. Также подчеркивается изменяемость критериев и требований к*

_дипломатической элите. Представлена точка зрения, что в контексте времени и места признаки и навыки дипломатии тоже могут меняться. В современных условиях дипломатам особенно рекомедуется владение новейшими технологиями, экономикой и политикой. Считается важным соответствие формирования дипломатической элиты внутренним и международоным критериям. Очень важна осведомленность дипломатов в тенденциях глобализации и в развитии экономики. Правильное формирование дипломатической элиты оценивается как гарант эффективности внутренней и внешней политики государства._

***Key-words:*** _political elite, diplomatic elite, diplomacy, foreign policy, skills, criteria, negotiations, state_

_The article examines the notion and essence of diplomatic elite. The diplomatic elite is regarded as a part of political elite; therefore, its special aspects are considered. The role of diplomatic elite is considered as important in formation and implementation of foreign policy of a state. The author analyzed some approaches towards notion and essence of diplomatic elite. Particular importance is given to the criteria of a formation of diplomatic elite. Distinguished origin, high moral criteria, eloquence, skills of organizing discussions and negotiations, loyalty to the interests of nation, state, as well to the principles of diplomacy are considered as important aspects of formation of diplomatic elite regardless of place and time. The author also emphasizes the variability of criteria and requirements to diplomatic elite. From the author's point of view in the context of time and place the signs and skills of diplomacy also can change. Especially under modern conditions diplomats are advised to possess knowledge of latest technologies, economics and politics. The author considers important that the formation of diplomatic elite should conform both with internal and international criteria. Especially awareness of diplomats in the tendencies of globalization process and economic development is considered to be utterly significant. A correct formation of diplomatic elite is assessed as a guaranty of the effectiveness of the state's domestic and foreign policy._

Дар ҳар давру замон дар рушду инкишофи як ҷомеа ва чигунагии шаклгирии умури идории он гурӯҳи идоракунанда, ки дар илми сиёсӣ ҳамчун элитаи сиёсӣ ном бурда мешавад нақши муайянкунанда дорад. Элитаи сиёсӣ ҳамчун субъекти муҳимми ҳаёти сиёсии ҷомеа дар умури идоракунӣ нақши муҳимро иҷро мекунад ва ғолибан рушду инкишофи як кишвар аз хосиятҳо ва тамоюли шаклгирӣ ва фаъолияти нухбагони сиёсии он бастагӣ дорад. Элитаи сиёсӣ ҳамчун гурӯҳи интихобшуда, баргузида, дорои мақоми олӣ буда, нақши муайянкунанда дошта дар ҳаёти сиёсии ҷомеа дониста мешавад. Ҷонибдорони дидгоҳи элитарӣ дар сиёсат ва идоракунӣ М. Вебер, В. Парето, Г. Моска, Р. Михелс чунин иддао мекунанд, ки идоракунӣ дар як ҷомеа ҳамеша хосияти элитарӣ дорад ва нақши элитаи сиёсӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеа хеле назаррас аст. Аз ин рӯ, барои дарки дурусти сиёсат ва идоракунӣ дар ҷомеа ҷонибдорони дидгоҳи элитарӣ омӯхтани хосиятҳо ва тамоюлҳои рушди элитаи сиёсиро муҳим медонанд. Албатта, дар ҳама ҳолат сатҳи донишу таҷриба, шууру ҷаҳонбинӣ, фарҳангӣ сиёсӣ, рафтору амал ва дигар хосиятҳои нафарони дар элитаи сиёсӣ шомилбуда ба шаклгирӣ ва амалигардии идоракунӣ дар як ҷомеа таъсиргузор аст. Элитаи сиёсӣ ҳам дар сиёсати дохилӣ ва ҳам дар сиёсати хориҷии як кишвар метавонад таъсири муайянкунанда дошта бошад. Барои дарки моҳияти элитаи сиёсӣ то ба имрӯз ҷиҳатҳои мухталифи он мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Хусусан барои дарки паҳлӯҳои мухталифи фаъолияти элитаи сиёсӣ муҳаққиқион таркиббандии элитаи сиёсиро ба роҳ мондаанд. Барои мисол муҳаққиқ Ализода Н. А. дар

таркиби элитаи сиёсӣ элитаи олӣ ва элитаи сатҳи миёнаро ҷудо намудааст [4, с.14-39]. В. Парето дар асари хеш «Трансфарматсияи демократия» оид ба навъҳои элитаи сиёсӣ, аз он ҷумла элитаи сиёсии ҳукмрон ва аксулэлита суҳбат кардааст [11, с.7-21]. Ҳамчунин дар миёни дидгоҳҳои элитарии сиёсат ба масъалаи чигунагии элитаҳои иқтисодӣ, фарҳангию маънавӣ ва ҳарбӣ таваҷҷуҳи хоса дода шудааст. Маъмулан дидгоҳҳои элитарӣ ба хосиятҳои элитаи сиёсӣ дар идораи як ҷомеа таваҷҷуҳ намуда, то як андоза чигунагии фаъолияти элитаи сиёсӣ дар муносибатҳои хориҷии давлат мадди назар гаштааст. Хусусан ба он ҷиҳат таваҷҷуҳи хоса карда нашудааст, ки элитаи сиёсии дар хориҷ амалкунанда ва бо элитаи сиёсии дигар кишварҳо муносибат дошта чи хосиятҳо дошта бошад. Ба андешаи мо дар таркиби элитаи сиёсӣ ба элитаи дипломатӣ ва хосиятҳои ташаккул ва фаъолияти он таваҷҷуҳи хоса зоҳир нашудааст. Зикр намудан бамаврид аст, ки ошкор намудани хосиятҳои элитаи дипломатӣ барои дарки пурраи элитаи сиёсӣ муҳим мебошад. Аз ин рӯ, мо тасмим гирифтем, ки элитаи дипломатиро ҳамчун қисми таркибии элитаи сиёсии як кишвар мавриди баррасӣ қарор дода бошем. Ошкор намудани ҷиҳатҳои хосаи элитаи дипломатӣ барои дарки беҳтари элитаи сиёсӣ ва хосиятҳои рушди сиёсати хориҷӣ замина мегузорад. Хусусан дар шароити Тоҷикистон, ки пас аз соҳибистиқлолӣ ба таҳияи ва татбиқи мустақилонаи сиёсати хориҷии хеш шуруъ намудааст дарки моҳияти элитаи дипломатӣ ва хосиятҳои рушди он муҳим аст. Аз ин рӯ, моро зарур аст, ки моҳият ва хосияти элитаи дипломатӣ ва муҳиммияти онро дар таркиби элитаи сиёсии кишвар дарк намуда бошем.

Лозим ба ёдоварист, ки солҳои охир баъзе аз муҳаққиқон дар корҳои илмии хеш мафҳуми «элитаи дипломатӣ»-ро истифода намуда истодаанд. Хусусан муҳаққиқон Ашин Г.К., Нодар Мосаки, Диана Дигол, Гонзалез Е., Сэр Баск мафҳуми элитаи дипломатиро мавриди истифода қарор додаанд. Аз мӯҳтавои корҳои онҳо дар ин самт бармеояд, ки онҳо элитаи дипломатиро ҳамчун қисми муҳими элитаи сиёсӣ мешуморанд, ки хусусиятҳо хоса ва фарққунандаи худро доро аст. Ба андешаи мо истифодаи мафҳуми «элитаи дипломатӣ» дуруст ва мувофиқи мақсад аст, ки барои дарки беҳтари элитаи сиёсии як кишвар ва хосиятҳои рушди сиёсати хориҷии он муҳим мебошад. Муҳаққиқон дар баррасии элитаи дипломатӣ ба ҷиҳатҳои мухталифи он таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Барои мисол муҳаққиқ Ашин Г.К. ҳангоми баррасии мафҳуми «элитаи дипломатӣ» бештар ба маҳорату дониши тахассусӣ, ахлоқ, истеъдоди шахсӣ таваҷҷуҳ кардааст. Аз он ҷумла Г. Ашин дар мавридаи дипломатия муосир ва ташаккул додани элитаи дипломатӣ зикр менамоянд, ки дар шароити муосир, баланд бардоштани сифати хизмати дипломатӣ аҳамияти махсус дорад. Ӯ чунин мешуморад, ки якчанд роҳҳои баланд бардоштани сифати хизмати дипломатӣ мавҷуданд, аммо ду роҳи онҳо аз ҳама муҳим аст. Пеш аз ҳама, такмилу ташаккул додани элитаи дипломатии мавҷудбуда ва сониян, баланд бардоштани нақш ва сифати таҳсилоти дипломатҳо муҳим аст [6, с.3]. Ду самти номбаршуда барои ташаккули элитаи дипломатии ҳар як кишвар ва аз он ҷумла кишвари мо низ аҳамияти калон дошта метавонад, зероояндаи элитаи дипломатӣ, ки сиёсати хориҷии кишварро дар муносибатҳои байналхалқӣ муаррифӣ менамоянд, маҳз аз раванди интихобнамудаи давлат барои ташаккулёбии элитаи дипломатии он вобастагии калон дорад.

Муҳаққиқ Диана Дигол дар таҳқиқоти хеш масъалаи зуҳури элитаи дипломатиро дар кишварҳои пасокоммунистии Авпупо баррасӣ карда, ба трансформатсияи элитаҳо дар фазои пас аз шӯравӣ ва омилҳои таъсиргузор ба ташаккули элитаи дипломатӣ таваҷҷуҳ намудааст. Ӯ мафҳуми элитаи дипломатиро нисбат ба дипломатҳое, ки дар мансабҳои баланди сафорат ва вазорати корҳои хориҷӣ фаъолият доштаро, ки як қисми элитаи сиёсӣ мебошанд, мавриди

истифода қарор додааст [1, с.3-15]. Муҳаққиқи гурҷӣ Н. Мосаки низ дар таҳқиқоти хеш «Ташаккули элитаи дипломатии Гурҷистон» мафҳуми элитаи дипломатиро дар маънии нафарони воломақоми сиёсати хориҷии як давлат мавриди истифода қарор додааст. Ӯ нақши президент, вазири корҳои хориҷӣ, дипломатҳо ва намояндагони кишварро дар созмонҳои байналхалқӣ дар ташаккули элитаи дипломатии Гурҷистон муҳим донистааст. Хусусан ӯ ба ҷиҳати таҳсилотӣ ва тахассусии элитаи дипломатии Гурҷистон таваҷҷуҳ кардааст. Ба андешаи ӯ самтгирии сиёсати хориҷии Гурҷистон ба ҷониби кишварҳои ғарбӣ аз элитаи дипломатӣ ва хусусан аз таҳсили онҳо дар кишварҳои ғарбӣ пайванд дошт. Н. Мосаки ёдовар мешавад, ки ҳайати баландмақоми дипломатӣ дар пешбурди сиёсати хориҷии давлат нақши муҳим мебозанд ва онро дар хориҷи кишвар амалӣ менамоянд [10, с.145-162].

Ба андешаи Н. Мосаки ташаккули элитаи дипломатӣ вобаста ба кишвар бо роҳҳои гуногун амалӣ карда мешаванд. Омӯзиши хусусиятҳои сифатии ҳайати дипломатӣ, инчунин таҳлили ҷанбаҳои гуногуни таълим ва ротатсияи элитаи дипломатӣ барои ташаккули манзараи куллии таҳия ва татбиқи самти сиёсати хориҷии як давлати муайян метавонад аҳамияти принсипӣ дошта бошад [10, с.141-162].

Аз муҳтавои дидгоҳҳои баррасишуда чунин бармеояд, ки аксари муҳаққиқон элитаи дипломатиро ҳамчун қисми таркибии элитаи сиёсӣ медонанд, ки дар зинаҳои баланди таҳия, бароҳмонӣ ва татбиқи сиёсати хориҷии як кишвар саҳм мегузоранд. Ба андешаи мо низ элитаи дипломатӣ он қисмати элитаи сиёсӣ мебошад, ки ба масъалаҳои таҳия ва бароҳмонии сиёсати хориҷӣ сару кор дорад. Элитаи дипломатӣ фарогири нафарони зинаҳои болоии фаъолияти сиёсати хориҷии як давлат мебошад. Ба андешаи мо он мансабдорони зинаи болоӣ, ки дар муносибат бо субъектҳои берунӣ қарор мегиранд ва дар таҳияву татбиқи сиёсати хориҷии кишвар нақши муҳим ва муайянкунанда доранд ба элитаи дипломатӣ мансуб ҳастанд. Албатта як хатти дақиқеро барои муайянкунии доираи элитаи дипломатӣ муқаррар намудан мушкил аст. Ба ҳар сурат то сатҳи муайяне мо метавонем элитаи дипломатии як кишварро таркиббандӣ намоем. Ба андешаи мо ба элитаи дипломатии як кишвар пеш аз ҳама раиси ҷумҳури он, сарвазир, раиси ҳукумат, вазири корҳои хориҷӣ, муовинои ӯ, сафирон, дипломатҳои ботаҷриба, намояндаҳои кишвар дар назди созмонҳои байналхалқӣ, консулҳо, роҳбарони миссияҳои махсус дохиланд. Дар фаҳми васеътари мафҳуми элитаи дипломатӣ мо метавонем вазирони соҳавии як кишварро низ ворид намоем. Чунки онҳо низ дар баъзе мавридро дар доираи соҳаи худ дар муносибат бо ҳамтоёни хеш дар хориҷ қарор мегиранд.

Чи тавре ки дар боло зикр карда шуд элитаи дипломатӣ қисмати таркибии элитаи сиёсии як кишвар аст. Новобаста аз қисмати элитаи сиёсӣ будан элитаи дипломатӣ хосиятҳои махсуси худро доро аст. Агарчанде дар адабиётҳои сиёсӣ ва фалсафӣ мафҳуми элитаи дипломатӣ ба таври васеъ истифода нашудааст, аммо ин ҳолат чунин маъно надорад, ки оид ба дипломатия ва хосиятҳои он чизе гуфта нашуда бошад. Дар ҳар давру замон муҳаққиқони мухталиф оид ба хосиятҳо ва ҷиҳатҳои дипломатия андешаронӣ кардаанд, ки дидгоҳҳои онҳо барои дарки моҳият ва хосиятҳои элитаи дипломатӣ муҳим дониста мешавад.

Барои дарки хосиятҳо ва моҳияти элитаи дипломатӣ моро зарур аст, ки ба гуфтаи муҳаққиқон ва андешамандони мухталиф мурур намоем. Дар ҳар давру замон андешамандони тамаддунҳои мухталиф оид ба моҳияти ва ҷиҳатҳои муҳимми сафирон ва фаъолияти онҳо андешаҳои ҷолиб ироа намудаанд. Албатта то ба имрӯз дидгоҳҳои онҳо аҳамияти худро гум накардааст ва барои дарки паҳлӯҳои хосаи элитаи дипломатӣ муҳим дониста мешавад. Аслҳои ташкил ва фаъолияти элитаи дипломатӣ тӯли рушди таърихии

инсоният ташаккул ёфтаанд. Як ҷиҳатро зикр намуданамон зарур аст, ки ин аслҳо вобаста ба давру замон тағйир пазируфтаанд ва такмил низ ёфтаанд.

Ба андешаи мо ташаккул ва рушди элитаи дипломатӣ як қатор маҳоратҳо ва малакаҳоеро талаб мекунад, ки шояд чунин талабҳо барои воридшавӣ ба элитаи сиёсӣ дар умум вуҷуд надошта бошад. Вақте мо дидгоҳҳои андешамандони мухталифро дар ин маврид баррасӣ менамоем, аён мегардад, ки ташаккули элитаи дипломатӣ як қатор хислатҳо ва зарфиятҳоро аз нафарони таъиншаванда ба вазифаҳои дипломатӣ ва намояндагӣ тақозо менамояд.

Барои дарки беҳтари моҳияти элитаи дипломатӣ моро зарур аст, баъзе аз андешаҳои арзишманди андешамандон, муҳаққиқон ва коршиносони соҳаро перомуни хислатҳои дипломат мавриди баррасӣ қарор дода бошем. Оид ба хислатҳои сафир ва чигунагии муносибатҳои байналхалқӣ ҳанӯз дар сарчашмаҳои қадима андешаҳои ҷолиб баён шудаанд. Ҳанӯз дар “Қонуни Ману” оид ба фаъолияти сафирон чунин оварда шуда буд: “аз сафирон вобаста аст, ки ба давлати худ ҷанг меоранд ва ё сулҳ” [8, с.26]. Гуфтаҳои Ману ба он даврае рост меомад, ки сарони кишварҳо ва ё вазирони онҳо барои гуфтушунид ба ҳар давлат намерафтанд, балки аз номи давлат ҳамчун намоянда сафирон фиристода мешуданд. Бо вуҷуди оне, ки ин сафирон пеш аз рафтан дастури корро аз шоҳ мегирифтанд, аммо онҳоро мебоист, ки дар ҳолати пайдо шудани ягон муаммо ва ё аз рӯи нақшаи кашидаи онҳо сурат нагирифтани корҳо, мустақилона қарор бароварда, корро ба нафъи кишвари хеш анҷом диҳанд. Аз ин рӯ, ҳанӯз аз ҳамон давра барои сафирон доштани ақлу заковат, донишу маҳорат, истеъдоди фавқулодаи ҳалли муаммоҳои пайдошуда тавсия карда мешуд. Инчунин дар таълимоти Ману ба сифатҳои шахсии сафирон аҳамият дода мешуд ва тавсия мегардид, ки муваффақияти фаъолияти дипломатӣ аз солхӯрдагӣ, фидоии касбӣ, ҳалолкорӣ, моҳирӣ, соҳиби хотираи хуб будан, хушнамудӣ, ҷасурӣ, нармсуханӣ ва ғ. вобастагии калон дорад [13, с.33-34]. Мувофиқи таълимоти Ману дипломат нақшаҳои давлати хориҷро натанҳои аз суханон ва ё амалҳояшон бояд пай барад, балки аз рӯй ифодаи рӯйи онҳо фаҳмида тавонад [13, с.33-34].

Новобаста аз замон ва макон талабот ба сифатҳои зикршудаи шахсӣ барои дипломатҳо ҳамеша муҳим боқӣ мемонад. Хусусан дар шароити имрӯза низ зарур дониста мешавад, ки ба ин сифатҳои шахсӣ таваҷҷуҳ карда шавад.

Дар мавриди хосиятҳои дипломатҳо дар ашъори мутафаккирони форсу тоҷик низ андешаҳои ҷолиб баён карда шудаанд. Мутафаккири барҷастаи форсу тоҷик А. Фирдавсӣ дар асари безаволи худ “Шоҳнома” дар мавриди фиристодагон таъкидҳои муфиде намудааст. Ӯ ба сифатҳои фиристодагон аҳамияти хоса додааст:

*Фиристода бояд, ки доно бувад,*
*Ба гуфтан далеру тавоно бувад [8, с.27].*

Дар ин ҷо донишмандӣ ва далеру шуҷоъ будан ҳамчун хислатҳои муҳимми дипломатҳо дониста шудааст. Воқеан дар ҳама сурат ин хислатҳо муҳиманд, зеро танҳо бо донишмандӣ ва шуҷоат дипломати як кишвар метавонад манфиатҳои миллии давлати хешро ҳифз карда тавонад.

Дар ҷои дигар чунин оварда шудааст:

*Зи лашкар фиристодагон баргузид,*
*Ки гӯянду донанд гуфту шунид [2, с.381].*

Ҳаким Фирдавсӣ ҳамчунин ба масъалаи интихоб намудани фиристодагон таваҷҷуҳ

кардааст. Вақте ӯ масъалаи баргузиданро ба миён мегузорад, ин чунин маънӣ дорад, ки беҳтаринҳо ва бартаридоштаҳоро ба ҳайси дипломат интихоб ва ҷудо намудан зарур аст. Дар ин маврид перомуни баргузида сухан меравад, ки яке аз муродифҳои асосии мафҳуми элита ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин ба малакаи бурда тавонистани гуфту шунид ва ё худ маҳоратҳои музокиротии дипломат таваҷҷуҳи хоса дода шудааст. Чунин малака ва маҳорат барои дипломат дар ҳама сурат заруранд, зеро муносибатҳои байналхалқӣ худ раванди музокира намудан ва бурду бохти музокиротиро ташкил медиҳад. Танҳо дар он сурат давлате ба натиҷаҳои бурд ноил мегардад, ки агар дипломатҳои он малакаи хуби бурдани музокиротро дошта бошанд. Элитаи дипломатӣ дар ҳама давру замон нақши калонро дар ҳалли муммоҳо ва пеш бурдани гуфтушунидҳо мебозад.

Ҳамчунин Фирдавсӣ ба дигар хосиятҳои сафирон таваҷҷуҳ кардааст. Хусусан барои сафир донишмандӣ, суханварӣ ва озода будан тавсия намуда мешавад.

*Фиристодам, инак, фиристодае,*
*Сухангӯву бодониш озодае [3, с.228].*

Гуфтаҳои мазкур шаҳодати он аст, ки дар вақти таъин ба вазифаи пурмаҳсули сафирӣ набояд шахсони тасодуфӣ интихоб шаванд, балки шахсоне ҳамчун сафир фиристода шаванд, ки таҷриба ва маҳорати калон дар ин масъала дошта бошанд. Натанҳо ақлу заковат, донишмандӣ ва суханварӣ, балки инчунин симои зоҳирии шахсони таъиншаванда муҳим дониста шудааст. Албатта сафири як кишвар инъикосгари симои он дар сатҳи байналхалқӣ мебошад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки донишманд, суханвар, ботаҷриба ва ба меъёрҳои амалисозии манфиатҳои миллӣ ҷавобгӯ бошад.

Албатта дар таърихи афкори сиёсӣ аз ҷониби муҳаққиқон андешаҳои хеле арзишманде перомуни сифатҳои дипломатҳо баён шудаанд. Дар ин ҷо мо бо овардани дидгоҳҳои зикршуда иктифо менамоем.

Дар таълимотҳои муосир низ ба сифатҳои дипломат ва моҳияти элитаи дипломатӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шудааст. Муҳаққиқон масъулияти элитаи дипломатиро баланд ва тақдирсоз барои як давлат донистаанд. Барои мисол муҳаққиқ Попов И.В. дар асари худ “Дипломатияи муосир: назария ва амалия” дипломатияро ҳамчун санъати пеш бурдани гуфтушунид аз ҷониби сарони давлатҳо, ҳукуматҳо ва сохторҳои махсуси сиёсати хориҷӣ, иштироки дипломатҳо дар муайян сохтани самти сиёсати хориҷии давлат ва дар амал татбиқ намудани он бо роҳи осоишта медонад” [12, с.16]. Ба андешаи ӯ мақсад ва вазифаи асосии элитаи дипломатиро ҳимояи манфиатҳои давлат ва шаҳрвандони он ташкил медиҳад [12, с.16]. Муҳаққиқ Попов И.В. ба сифати таъиншавандагон ба элитаи дипломатӣ низ таваҷҷуҳи хоса кардааст. Ӯ хусусан ҷиҳати тағйирпазирии меъёрҳо ва талаботҳоро ба элитаи дипломатӣ зикр намудааст. Ба андешаи ӯ вобаста ба замон ва макон сифату маҳорати дипломатӣ низ тағйир мепазирад. Агар барои дипломатҳои замони атиқа (Юнони Қадим) дар ҷои аввал суханварӣ, дар миёни мардум сухан гуфтан, издиҳомро бовар кунонидан муҳим дониста мешуд, пас дар асрҳои миёна, ки хоси ин давр шабнишиниҳо миёни ашрофзодагон буд, аз дипломатҳо маҳорати рақс кардан, ҳар гуна бозиҳо аз қабили картабозиро тавонистан ва ба хонумон писанд шудан низ аҳамият дода мешуд. Дар умум дар ҳама давру замон барои дипломат доштани дониши замонавӣ ва андешаронии фалсафӣ муҳим дониста мешуд [12, с.12-14]. Албатта мо низ тағйирпазирии меъёрҳоро барои ҷалбнамоӣ ба элитаи дипломатӣ вобаста ба макон ва замон эътироф менамоем. Ба андешаи мо ҳангоми ташаккул додани элитаи дипломатӣ ва ё ҷалби

мутахассисон ба он зарур аст, ки ба омилҳои мухталиф таваҷҷуҳ карда шавад. Албатта, мо меъёрҳои умумии қабулшуда тӯли рушди таърихии дипломатияро муҳим мешуморем ва ба инобат гирифтани онҳоро шарти муҳим медонем. Аммо бар замми ин ба инобат гирифтани ҳолати кунунии рушди муносибатҳои байналхалқӣ, хосияти рушди бозингарони асосии он, самтгирии рушди иқтисодӣ, ҳолати рушди давлат, усулҳои истифодашаванда аз ҷониби субъектҳои мухталифи сатҳи байналхалқӣ ва минтақавӣ, инчунин дигар омилҳои пайванд ба фаъолияти дипломатҳо муҳим дониста мешавад.

Дар ҳар давру замон ва хусусан дар шароити имрӯза низ донишмандии дипломат муҳим дониста мешавад. Дар ҳар сурат зарур медонем, ки дипломат аз тамоюлҳои самтгирии рушди дониш бохабар бошад. Хусусан дар шароити имрӯза доштани дониши муосири технологӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ барои дипломат тавсия мешавад. Танҳо дар заминаи доштани дониши зарурӣ дипломат метавонад маҳоратҳои касбии хешро тақвият бахшида бошад. Зарур мешуморем, ки дипломат бо донишҳои назариявӣ ва амалӣ мусаллаҳ бошад. Дар заминаи донишҳои дошта рафтори прагматикиро барои дипломат ва элитаи дипломатӣ муҳим медонем. Дар амалияи ҷамъиятӣ шахсони зиёдеро дучор шудан мумкин аст, ки дониши кофии назариявӣ доранд вале дар амалия аз худ сустиродагӣ нишон медиҳанд. Аз ин рӯ, чуноне ки мегӯянд, на ҳама ихтирокорони ракета кайҳоннавард мешаванд.

Дар самти ташаккули элитаи дипломатӣ маҳоратҳои муҳокимаронӣ ва музокиротӣ низ муҳим дониста мешаванд. Муҳаққиқ Мирзоев Ғ. ба хислатҳои элитаи дипломатӣ таваҷҷуҳ намудааст. Ба андешаи ӯ муҳимтарин сифатҳои як дипломат ин на танҳо дониши мукаммал, балки ҳамчунин маҳорати муҳокимаронии хубу мантиқӣ доштан, мустақилона фикрронӣ карда тавонстан, роҳҳои ҳалли ин ва он мушкили пайдошударо пайдо намудан, вазъи баамаломадаро дуруст таҳлил кардан, фикри худро дақиқ ва равшан ифода намудан аст. Дипломат на танҳо хирадманд бошад, балки ӯ тавонад ҳақиқатро дар ҷое бубинад, ки дигарон ё ба душворӣ ба он мерасанд ва ё умумаи ба он расида наметавонанд [9, с.27].

Ҷиҳати ахлоқӣ низ барои элитаи дипломатӣ муҳим дониста мешавад, зеро онҳо симои давлати худ дар хориҷ мебошанд. Онҳоро зарур аст, ки бо ахлоқи хубу ҳамида дигаронро ба худ ҷалб карда тавонанд ва ба боварии онҳо сазовор гарданд. Дипломатҳо, махсусан сафирон, ки давлат, ҳукумат ва кишварашонро дар давлатҳои хориҷӣ намояндагӣ мекунанд, бояд фарҳангу ахлоқи намунавӣ дошта бошанд ва месазад, ки ин масъала яке аз меъёрҳои интихоб ва таъйини онҳо бошад, зеро ҳам мақомоти расмии давлати иқомат ва ҳам мардуми он дар асоси рафтору муошират дипломатҳо ба кишвар ва мардуми инҳо баҳо медиҳанд [9, с.36].

Чун элитаи дипломатӣ ҳамчун симои кишвар дар хориҷ баромад менамояд, аз ин рӯ зарур аст, ки ҳангоми ташаккули он ба меъёрҳои ахлоқӣ, касбӣ, маҳорату истеъдодҳо, донишу таҷриба, рафтору гуфтор ва зарфиятҳои мухталифи мутахассис таваҷҷуҳ намуда шавад. Чуноне, ки Калйер зикр намудааст нафаре ки ақлу хиради воло надорад, беҳтар аст, дар кишвари худ кор кунад, ки дар он ҷо имконияти бартараф кардани хатоҳои вай вуҷуд дорад, аммо иштибоҳи дар хориҷа содир кардаи ӯ дар бисёр маврид ислоҳнопазир мешавад [12, с.22].

Сиёсатшиноси рус Г. Ашин дар мақолаи худ “Ташаккулёбии элитаи дипломатӣ” заиф шудани қудрати иқтисодию ҳарбии давлатро ҳамчун омили таъсиррасон ба мавқеи он дар арсаи ҷаҳонӣ эътироф мекунад. Аммо новобаста аз ин ӯ нақши элитаи дипломатиро дар сиёсати хориҷии давлат муҳим мешуморад. Ба андешаи ӯ элитаи дипломатӣ хусусияти нисбатан мустақил аз вазъи дохилӣ ва иқтисодиёти кишварро дошта, дар ҳолатҳои мухталиф метавонад барои ҳифзи мақом ва манфиатҳои давлати хеш нақши ҳалкунандаро бозад.

Барои исботи гуфтаҳои хеш Г. Ашин дипломатияи Талейранро (вазири корҳои хориҷии Фаронса) дар раванди конгресси Вена ба ёд меоварад, ки тавонист тавассути дипломатияи муваффақ ва малакаи музокирот заифии ҳарбӣ ва иқтисодии Фаронсаро ҷуброн намуда, шароити мусоиди берунаро барои рушд ва таҳкими сохтори сиёсии давлати хеш фароҳам оварад [6. ]. Яъне гап сари он аст, ки баъд аз шикаст хӯрдани Фаронса дар ҷанги Наполеон бо Россия (солҳои 1812-1814) Таллейран нақши калонро барои нигоҳ доштани Фаронса бозидааст. Гарчанде, ки Фаронса ҷангро бохта буд аммо Талейран бо малакаи музокиротии хеш тавонист, ки аз зиддияти давлатҳои ғолиб истифода карда, шартномаи сулҳро барои кишвараш сабуктар намояд. Мисоли мазкур баёнгари он аст, ки барои ворид шудан ба элитаи дипломатӣ дониши хуби сиёсӣ, дарки ҳамаҷонибаи муносибатҳо ва вазъияти байналхалқӣ, зиракӣ ва малакаҳои хоси музокиротӣ зарур мебошанд.

Ба элитаи дипломатӣ аслан кормадони дорои рутбаҳои баланди дипломатӣ шомил мебошанд. Лекин ин чунин маъно надорад, ки кормандони ҳайати хурди дипломатӣ ба ин табақа шомил шуда наметавонанд. Кормандони ҳайати хурди дипломатӣ низ пас аз гирифтани таҷрибаи зарурӣ, сайқал додани донишу малакаҳои назарявию амалӣ, гузаштан аз озмунҳои ишғоли вазифа, фаъолияти хуби хизматӣ, нишон додани маҳорату малакаи тахассусмандии дипломатӣ зина ба зина ба мансабҳои роҳбарикунанда гузашта, ба элитаи дипломатӣ дохил мегарданд.

Дар шароити имрӯза ҳангоми ташаккули элитаи дипломатӣ зарур аст, ки ба меъёрҳои муосир ва ҷавобгӯ ба шароити имрӯза таваҷҷуҳ карда шавад. Зарур аст, ки нафари ҷалбшаванда ба элитаи дипломатӣ ҳамаҷониба ба меъёрҳои муқарраршудаи дохилӣ ва байналхалқӣ ҷавобгӯ бошанд. Хусусан дар шароити имрӯзаи мураккаб шудани муносибатҳои байналхалқӣ ва зуҳури таззодҳои нав дар сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ талабот ба дониш ва истеъдоду малакаи элитаи дипломатӣ афзуда истодааст. Зуҳури мушкилотҳои нави сатҳи байналхалқӣ чун терроризму ифротгароӣ, рушди ҷинояткории фаромиллӣ, зуҳури ҳар гуна бемориҳои сироятӣ, муаммоҳои экологӣ ва ғайра, ки ҳалли дастаҷамъонаро талаб мекунанд аз элитаи дипломатии кишварҳо таҷрибаи зарурии ҳалли мушкилотҳои сатҳи байналхалқиро талаб мекунанд. Хушбахтона элитаи дипломатии Тоҷикистон даҳсолаҳои охир дар ин самт фаъолияти назаррас нишон медиҳад ва ташаббусҳои зиёди созанда ва ҳалли мушкилотро дар сатҳи байналхалқӣ ба роҳ мондааст. Ташаббускории сатҳи байналхалқӣ аз ҷониби элитаи дипломатии Тоҷикистон боиси рушди симои кишвар дар сатҳи байналхалқӣ гардидааст.

Дар шароити муосир талаботҳои нав ба нав ба элитаи дипломатӣ зухур намуда истодаанд. Хусусан зарур мешуморем, ки дипломатҳо аз самтгирии раванди ҷаҳонишавӣ ва ҳамчунин ҷараёнҳои нави рушди иқтисодӣ бохабар бошанд. Танҳо бохабарӣ аз тамоюлҳои рушди иқтисодии ҷаҳонӣ ба элитаи дипломатии кишварҳо имкон медиҳад, то дар низоми иқтисодии ҷаҳонӣ мақоми кишвари хешро ҳифз намоянд ва сармоягузории заруриро ба иқтисоди кишвари хеш ҷалб намоянд. Ҷиҳати дигари муҳим барои элитаи дипломатӣ ин дарки тарҳҳои сиёсати хориҷии кишварҳо дигар, нақшаҳои ошкор ва пинҳони онҳо, таҷрибаи муносибатҳои кишварҳо бо якдигар ва дигар хосиятҳои муҳими муносибатҳои байналхалқии муосир мебошад. Хусусан элитаи дипломатиро зарур аст, ки аз мавқеъгирии қудратҳои мухталифи ҷаҳонӣ, аз манфиатҳои ширкатҳои мухталифи трансмиллӣ, аз нақшаву ниятҳои эҳтимолии субъектҳои мухталифи сатҳи байналхалқӣ хуб бохабар бошанд ва сиёсати хориҷии кишварро дар қиболи онҳо ба роҳ монанд. Дар

шароити имрӯза танҳо огоҳии сиёсӣ метавонад кафолати фаъолияти самараноки элитаи дипломатӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ гардад.

Зарур медонем, ки элитаи дипломатӣ содиқияти худро ба роҳбарияти кишвар, касбияти худ, давлат ва миллати хеш нишон диҳад. Албатта элитаи дипломатӣ ҳамеша бо субъектҳои дигари сатҳи байналхалқӣ кору фаъолият мекунад ва зарур аст, ки фиреби баъзе аз субъектҳои дорои ғаразҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ доштаро нахурад.

Бар замми ин элитаи дипломатиро зарур аст, ки аз хосиятҳои фарҳангӣ, таърихию равонӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, урфу одат, анъанаҳо, потенсиалҳои мавҷудаи субъектҳои дигари сатҳи байналхалқӣ, хусусан давлатҳои миллӣ бохабар бошанд. Танҳо бо донистани хосиятҳои субъекти дигар, шинохти зарфиатҳои он, донистани фарҳангу анъана ва дигар ҷиҳатҳои хосаи онҳо элитаи дипломатӣ метавонад заминаи самарабахшии фаъолияти хешро фароҳам созад.

Барои ворид шудан ба элитаи дипломатӣ инчунин тахассусмандӣ зарур аст. Хусусан шахсони дар мактабҳои касбии муносибатҳои байналхалқӣ ва самтҳои мухталифи он таҳсилнамуда метавонанд ба талаботи тахассусмандӣ ҷавобгӯй бошанд. Зарурати тахасусмандии дипломатҳо пеш аз ҳама дар он аст, ки моҳияти дипломатия бо роҳи осоишта ҳал карда тавонистани вазъи низоъангез натанҳо барои манфиати кишвари худ, балки мувозинати манфиатҳои дигар иштирокчиёни муносибат байналхақиро ба инобат гирифтан ба ҳисоб меравад [7, с.7].

Ҳамин тариқ бо бовари гуфта метавонем, ки элитаи дипломатӣ ҳамчун қисми таркибии элитаи сиёсии як кишвар дар амалӣ намудани сиёсати давлатӣ нақши муҳим дорад. Агарчанде элитаи дипломатӣ қисмати элитаи сиёсӣ аст, аммо баъзе ҷиҳатҳое мавҷуданд, ки махсусияти элитаи дипломатиро бараъло нишон медиҳанд. Аз ин рӯ, барои дарки пурраи сиёсати хориҷии як давлат ва шаклгирии он дар ҳама ҳолат зарур мешуморем, ки ба хосиятҳои ташаккул ва инкишофи элитаи дипломатии он таваҷҷуҳ намуда шавад. Хусусан ҳангоми ташаккули элитаи дипломатӣ ба эътибор гирифтани меъёрҳои баррасишударо муҳим медонем. Танҳо бо ташаккул додани элитаи дипломатии тахассусманд ва функсионалӣ як ҷомеа метавонад дар сиёсати хориҷии хеш ва дар муносибат бо дигар субъектҳои сатҳи байналхалқӣ муваффақ гардад. Фаъолияти дипломатӣ маҳорату истеъдоди тахасусии шахс, ақлу заковат, тахассусмандӣ, донишу ҷаҳонбинӣ, масулиятшиносӣ, дарки вазъият ва баромадан аз он, худшиносӣ, худогоҳӣ, содиқ будан ба давлату миллат ва роҳбарияти хеш ва дигар сифатҳои хуби ахлоқӣ ва сиёсиро талаб мекунад. Танҳо ташкили дурусти элитаи дипломатӣ кафолати самаранокӣ дар сиёсати хориҷӣ ва дохилии давлат шуда метавонад. Ҳамин тариқ элитаи дипломатӣ новобаста аз сохт ва шакли давлатдорӣ дар сиёсати як давлат нақши калон мебозад.

***Пайнавишт:***

1. *Diana Digol. Emerging Diplomatic Elites in Post-Communist Europe. Florence, March 2007. 234 c.*
2. *Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. ҷилди 5 - Душанбе: «Адиб», 2008. -480 с.*
3. *Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома.ҷилди 8 — Душанбе: «Адиб», 2009. - 480 с.*
4. *Ализода Н. А. Ташаккул ва инкишофи эволютсионии элитаи сиёсӣ дар ҷомеаи тағйирпазиранда (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ. Душанбе 2019. 163. - С. 14-39.*
5. *Ашин Г.К. Элитология: история, теория, современность: монография / Г.К. Ашин. Моск. гос. ин-т междунар. отношений (ун-т) МИД России, каф. философии. — М. :*

*МГИМО-Университет, 2010.-600 с.*
6. *Ашин Г. Формирование дипломатической элиты. http://www.politnauka.org/library/elit/ashin.php.Санаи муроҷиат 10.11.2020.*
7. *Зонова Т. В. Дипломатия: Модели, формы, методы: Учебник для вузов / Т. В. Зонова. — 2-е изд., испр. — М.: Издательство «Аспект Пресс», 2014. — 348 с.*
8. *Мирбобоев А., Юсупов М., Каримов М. Муқаддимаи таърихи дипломатияи тоҷик. Хуҷанд-Ношир 2009, 212 с.*
9. *Мирзоев Ғ. Дипломатия: қоида ва меъёрҳои ташрифотӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2014.-336 с.*
10. *Нодар Мосаки. Особенности дипломатической элиты Грузии (Асосҳои элитаи дипломатии Гурҷистон). Международные процессы. Том 14. № 2, с. 141-162. DOI 10.17994/IT.2016.14.2.45/11. (Санаи муроҷиат 10.11.2020).*
11. *Парето В. Трансформация демократии/ пер. с итал. М.Юсима. - М.:Издательский дом «Территория будущего», 2011 .(Серия «Университетская библиотека Александра Погорельского»).—2008, 201с.*
12. *Попов В.И. Современная дипломатия: теория и практика: Курс лекций. Часть 1: Дипломатия – наука и искусство/ДАМИД РФ. – М.: Научная книга. 2000. 576 с.*
13. *Потемкин В. История дипломатии. Том 1. - Изд. Дом: «ОГИЗ». М.,- 1941. 566 с.*

**_Reference Literature:_**

1. *Diana Digol. Emerging Diplomatic Elites in Post-Communist Europe. Florence, March 2007. - 234 pp.*
2. *Firdawsi, Abulkosim. Shoh-Name. –V. 5, - Dushanbe: Man-of-Letters, 2008. - 480 pp.*
3. *Firdawsi, Abulhosim. Shoh-Name. –V. 8 - Dushanbe: Man-of-Letters, 2009. – 480 pp.*
4. *Alizoda N.A. Formation and Evolutional Development of Political Elite in Changing Societies (example of Tajikistan). Candidate dissertation in politology. - Dushanbe, 2019. – 163 pp.; pp.14-39*
5. *Ashin G.K. Elitology: History, Theory, Contemporaneity: monograph / G.K. Ashin. Moscow State Institute of International Relations under the Russian Ministry of Foreign Affairs, department of philosophy. - M.: MGIMO-University, 2010. - 600 pp.*
6. *Ashin G.K. Formation of the Diplomatic Elite. http://www.politnauka.org/library/elit/ashin.php, (Date of appeal: 10.11.2020).*
7. *Zonova T.V. Diplomacy: Models, Forms, Methods: Textbook for universities / TV Zonova. – 2-nd edition, revised. - M.: Publishing-House "Aspect Press", 2014. – 348 pp.*
8. *Mirboboev A., Yusupov M., Karimov M. Introduction into the History of Tajik Diplomacy. – Khujand: Publisher, 2009, - 212 pp.*
9. *Mirzoev G. Diplomacy: Rules and Protocol Samples. - Dushanbe: Cognition, 2014. - 336 pp.*
10. *Mosaki, Nodar “Features of the Diplomatic Elite of Georgia, Specificities of the Diplomatic Elite of Georgia”. International Processes, - V.14, No. 2, - pp. 141-162. DOI 10.17994 / IT.2016.14.2.45 / 11. (Date of appeal: 10.11.2020).*
11. *Pareto V. Transformation of Democracy / translation from Italian. M.Yusima. - M.: Publishing-House “Territory of the Future”, 2011. (Series "University Library of Alexander Pogorelsky"). – 2008, - 201 pp.*
12. *Popov V.I. Modern Diplomacy: Theory and Practice: A course of lectures. Part 1: Diplomacy - Science and Art / DAMID RF (Diplomatic Academy under the Ministry of Home Affairs). - M.: "Scientific Book", 2000, - 576 pp.*
13. *Potemkin V. History of Diplomacy. Volume 1. – M.: Publishing-House: "OGIZ". - 1941. - 566 pp.*